ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар мавзуи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузурги Алавӣ «Чашмҳояш»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901- Забони форсӣ) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад ба таҳқиқи мавзуи таъсири дастури забони арабӣ ба дастури забони форсӣ зимни тарҷума, бахшида шудааст. Маълум аст, ки ҳар забоне дорои сарфу нахв ва сохтори вижаи грамматикӣ мебошад. Маҳз дар чаҳорчӯби ҳамин сарфу нахв ва сохтор аст, ки вожагони забон низоми собит ва устувор пайдо мекунанд. Матолибу мафоҳими мавзуоти таҳқиқшаванда тавассути онҳо баён мегардад. Дар як матни забони дилхоҳ баъд аз ҳарфу калима унсури инсиҷомёфта ҷумла аст. Қолабе, ки аҷзои як матлаб паёпай дар он ҷойгузин мегардад. Бояд гуфт, ки сохтори ҷумла низ дар ҳар забоне аз низому системи махсусе бархӯрдор аст, ки дар имтидоди замон шакл гирифтаву истеҳком пайдо намудааст. Маҳзи хотири ин ҳангоми тарҷума ҳамин сохторҳои шаклгирифта мушкилоти зиёдеро эҷод мекунанд. Омӯзишу маърифати ин мушкилот метавонад роҳҳои тозаеро барои як муҳаққиқ боз кунад. Бо назардошти ин дар диссертатсияи докторант Алсенан Абдулҳаким Фаҳад мавзуи мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст. Метавон гуфт, ки то ба ҳол чунин пажуҳише, ки ҷанбаи қиёсӣ дошта бошад, дар заминаи забони форсӣ ва арабӣ вуҷуд надорад. Корҳое, ки анҷом шуда, бештар ба истилоҳоти соҳавӣ ва гоҳо зарбулмасалу мақолҳо пайванд доранд.

Мавзуи мазкур аз он ҷиҳат қобили аҳаммият аст, ки дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи инсонӣ нақши тарҷума ба ҳайси интиқолдиҳандаи иттилоот аз як забон ба забони дигар рӯ ба афзоиш аст. Гузашта аз ин, Эрон ва мутаносибан забони форсӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ,ҷойи намоёнеро ишғол карда, бо рушду густариши иртиботу ҳамкориҳои муштараки он дар минтақа, зарурати тарҷумаи иттилооти мухталиф бештар эҳсос мегардад. Вуҷуди маводи фаровон бо забонҳои арабӣ ва форсӣ, коркарду тарҷумаи ҳирфаии онҳоро дар ҳар ду забон ба мақсади шинохти хусусиятҳои забонӣ ва анҷоми амри тарҷума тақозо дорад.

Аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки забони арабӣ ба гурӯҳи забонҳои флективӣ ва забони форсӣ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил шуда, аз нигоҳи сохтор ва хусусияти синтаксисӣ аз якдигар тафовути куллӣ доранд ва мавҷудияти мавод дар забонҳои форсӣ ва арабӣ зарурати таҳлили амиқеро барои шинохти қонунҳои тарҷума дар ин ду забон ба миён мегузорад.

Ҳамчунин ба таъсири муштараки забонҳои арабӣ ва форсӣ ишора шуда, таъкид гардидааст, ки дар даврахои гуногуни таърихӣ забонҳои арабӣ ва форсӣ ба ҳамдигар таъсиру нуфузи чашмгир доштаанд. Аслан тарҷумаи адабӣ бо эҳсосу авотифи ҷанбаҳои фаъолияти инсонӣ алоқаи зич дошта, ба ҷуз арзиши иттилоотӣ, аҳаммияти эстетикию зебошинохтиро низ шомил аст.

Дар диссертатсия ба таври мабсут атрофи вазоифи мутарҷим баҳс шудааст. Аз ҷумла таъкид гардида, ки мутарҷим вазифадор аст, талош намояд, ки маъноои вожагони забони мабдаъро ба забони мақсад наздик созад, зеро забонҳои гуногун сохтори дастурии хосси ҷумларо шомил ҳастанд. Аз ин сабаб, таҳқиқи ҷанбаҳои маъной, лексикии калимаҳо яке аз мушкилоти азим ва ҷузъи муҳимми баёни як калима аз як забон ба забони дигар унвон мешавад.

Рӯйиҳамрафта кори таҳқиқии комиле аз ҷониби диссертант анҷом шуда ва натиҷахову аҳкоми пешниҳодии он имконоти фаровонеро барои пажӯҳишҳои баъдӣ дар робита ба забоншиносии форсӣ, сохтори дастурӣ, ҷойгоҳи мутаммим дар тарҷума, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, аносири созандаи амри тарҷумонӣ, хусусан тарҷума аз забони форсӣ ба забони арабӣ мусоидат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб мешавад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсия бо шиносномаи 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия ва пешниҳодҳои унвонҷӯ дар 3 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки саҳми шахсии муаллифро ташкил медиҳад. Мақолаҳои диссертант дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия комилан мутобиқат доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи докторант фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсия таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузург Алавӣ «Чашмҳояш»)», кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд

1. Диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар мавзуи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузург Алавӣ «Чашмҳояш»)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-02-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло - доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ, профессор,
муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Оқилова Ҳилола Афхозовна – номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забонҳои
форсӣ ва хитоии факултети
забонҳои шарқи МДТ ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров

3. Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи эксперти:

доктори илми филология,

узви шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

Аъзои комиссияи эксперти:

доктори илми филологияи тон

узви шурои диссертатсионӣ Қосимов О.Ҳ.

доктори илми филология,

узви шурои диссертатсионӣ Шарифзода Ф.

"24" ноябри соли 2022.

имзои/подпись Ф.Ҳ.Ҳошимов-ро

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ЕРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК

20 с/г